# БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

## Шарҳи моҳонаи таваррум • Марти 2018

**Дар моҳи марти соли ҷорӣ сатҳи таваррум ба монанди моҳи қаблӣ тамоюли коҳишёбиро идома дода, бо нишондиҳандаи манфӣ -1,0 фоиз ҷамъбаст гардид. Вобаста ба ин, таварруми солона дар моҳи март нисбат ба моҳи феврал ба таври назаррас ба андозаи 2,7 банди фоизӣ (б.ф.) коҳиш ёфта, 2,5 фоизро ташкил дод.**

Ба таварруми ҳосилшуда дар ин моҳ асосан коҳишёбии нархи маҳсулоти хӯрокворӣ (-2,0 % м/м ё 1,1% с/с) таъсир расонид. Дар баробари ин, афзоиши нархи молҳои ғайрихӯрокворӣ (0,1% м/м ё 4,0% с/с) ва хизматрасониҳо (0,4% м/м ё 5,0% с/с) муътадил буд.

**Дар маҷмӯъ раванди мазкури таваррум ғайричашмдошт набуд. Аммо бо вуҷуди ин, дар ин давра таваррум нисбат ба сатҳи дурнамои интизоршаванда ва ҳадафи мақсаднок тамоили пасттарро бештар аз ҳисоби арзоншавии нархи маҳсулоти серистеъмоли аҳолӣ инъикос намуд.**

Тибқи таҳлилҳо омилҳои асосии таъсиррасон, ки боиси коҳишёбии назарраси таварруми солона гардиданд, бо назардошти "эффекти базавӣ" ба омилҳои зерин алоқамандӣ дорад. Ба он пеш аз ҳама омили пешниҳодот, аз ҷумла афзоиши истеҳсолу таклифоти гурӯҳи маҳсулоти хӯрокворӣ ва муътадилии сатҳи талаботу истеъмолоти дохилии он, инчунин тағйиру иловаҳои охирин ба қонунгузорӣ[1] ки бевосита ба мувозинатии бозори истеъмолии хӯрокворӣ мусоидат кард, дохил мешаванд. Илова бар ин, вазъи муътадили нархҳои ҷаҳонии маҳсулоти кишоварзӣ, аз ҷумла истеҳсол ва пешниҳоди он дар минтақа фишорҳои иловагиро ба сатҳи нархҳои дохилӣ бартараф кард.

Дар навбати худ, вазъи муътадили бозори дохилии асъор ва қурби пули миллӣ якҷоя бо татбиқи сиёсати пайгиронаи монетарӣ низ барои коҳишёбии интизориҳои таварруми аҳолӣ мусоидат намуд.

**Сатҳи таварруми аслӣ,* ки тамоюли дарозмуддати нархҳоро бе таъсири лаппишҳои кӯтоҳмуддат инъикос менамояд, бо арзёбии солона 1,8 фоизро ташкил дод.** Ба ин раванд, нисбатан муътадил будани сатҳи нархҳои маҳсулоти тайёри хӯрокворӣ (маҳсулоти гӯштӣ, маҳсулоти ширӣ, равғани растанӣ ва ҳайвонот), маҳсулоти ғайрихӯрокворӣ (маводи шустушӯй ва доруворӣ) ва хизматрасониҳои дар таварруми аслӣ ба ҳисоб гирифташаванда (аз ҷумла, хизматрасониҳои маишӣ) бештар саҳмгузорӣ намуд.

**Таварруми моҳона ва солона, бо %**
(манбаъ: Агентии омор)




**Саҳми афзоиши гурӯҳи нархҳои истеъмолӣ дар таваррум, бо % солона** (манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)




**Таварруми аслӣ, бо %, солона**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)




[1] Тағйиру иловаҳо ба Қонуни ҶТ "Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" бо мақсади пешгирии зиёдаравӣ, камхарҷ гузаронидани тӯю маъракаҳо ва беҳтар намудани сатҳи зиндагии аҳолӣ равона шудааст.

**Ҳамзамон, пуёии тағйирёбии ғайриаслии таваррум (гурӯҳи нархҳои истеъмолие, ки дар ҳисоби таваррумi аслӣ истисно мегарданд) нишон дод, ки асосан поёнравии нархи маҳсулоти хоми хӯрокворӣ, бахусус дар моҳи марти соли 2018 дар таваррумi умумӣ саҳми назаррас дошт.** Аз ҷумла, нархҳои маҳсулоти хоми хӯрокворӣ, асосан аз ҳисоби коҳишёбии нархи орди навъи якум (-5,6% м/м ё -6,0% с/с), картошка (-7,0% м/м ё -9,8% с/с), бехпиёз (-27,8% м/м ё 27,9% с/с), сабзӣ (-4,9% м/м ё -26,4% с/с), тухм (-11,2% м/м ё -0,6% с/с), шакар (-1,8% м/м ё -10,1% с/с), равғани пахта (-1,1% м/м ё -7,1% с/с) ба амал омад. Дар баробари ин, вобаста ба таъсири омилҳои мавсимӣ ва таклифот нархҳои биринҷ (2,0% м/м ё 1,9% с/с), себ (7,3% м/м ё -4,6% с/с), нок (5,2% м/м ё -5,5% с/с) ва ангур (2,2% м/м ё 1,5 маротиб с/с) рӯ ба афзоиш доштанд.

**Нархи хизматрасониҳои маъмурӣ** бошад, дар ин моҳ новобаста аз афзоиши нархҳои хизматрасонии нақлиёти мусофирбар (2,2% м/м ё 2,3% с/с) бетағйир ҷамъбаст гардид (0,0% м/м ё 0,8% с/с), ки ба ин коҳишёбии нархи гази моеъ (-3,0% м/м ё 11,7% с/с) дар натиҷаи афзоиши воридоти он мусоидат намуд.

**Бо дарназардошти гуфтаҳои боло, дар маҷмӯъ тибқи дурнамо пешбинӣ мегардад, ки тамоюли поёнравии таваррумi солона хусусияти муваққатӣ дошта, сатҳи он дар давраи кӯтоҳмуддат (дар доираи то як сол) аз ҳадафи муқаррашуда (7,0% ±2 б.ф.)** поёнтар ҷамъбаст хоҳад ёфт.** Дар давраи миёнамуҳлат бошад, шурӯъ аз семоҳаи якуми соли 2019 таваррум эҳтимол аст ба сатҳи муътадили худ, яъне нишондиҳандаи мақсаднок баргардад. Ба ин пеш аз ҳама тадриҷан паст шудани таъсири омилҳои дар боло зикргардида мусоидат менамояд.

Бонки миллии Тоҷикистон сиёсати пулию қарзии шаффоф ва пайгиронаро амалӣ намуда, истифодаи механизми фишангҳои монетарӣ, пеш аз ҳама меъёри бозтамвилро ҷиҳати танзими сатҳи пардохтпазирии бозори пул ва меъёрҳои фоизи кӯтоҳмуддат ва ба ин васила ноил гардидан ба ҳадафи мақсадноки таваррум равона менамояд.

**Таваррумi ғайриаслӣ, бо %, солона**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)




**Ҳадафи мақсадноки таваррумi солона барои давраи миёнамуҳлат, бо %**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)




[1]- с/с – сол нисбат ба сол (тағйирёбии солона)
[2] - м/м – моҳ нисбат ба моҳ (тағйирёбии моҳона)

*- Таваррумi аслӣ, ки тамоюли дарозмуддати нархҳоро бе таъсири лаппишҳои кӯтоҳмуддат инъикос менамояд бо мақсади баҳодиҳӣ ва таҳлили чораёни доимии тағйирёбии сатҳи нархҳо дар асоси маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (Агентии омор) аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон ҳисоб карда мешавад. Ҳамчун яке аз қисматҳои таркибии таваррумi умумӣ (намояи нархҳои истеъмолӣ) таваррумi аслӣ раванди устувор ва дарозмуддати тағйирёбии нархҳоро, ки зери таъсири омилҳои талаботи дохилӣ ва монетарӣ ба вуҷуд омадааст, инъикос менамояд. Усули асосии ҳисоби таваррумi аслӣ - усули истисноӣ буда, он бо роҳи хориҷ кардани номгӯи алоҳидаи маҳсулот ва хизматрасониҳои тамоюли тағйирёбии зиёд дошта, ки бо тағйирёбии аслии сатҳи нархҳо алоқаманд нест, ҳисоб карда мешавад. Аз сабади намояи нархҳои истеъмолӣ номгӯи маҳсулоти бо лаппишҳои кӯтоҳмуддат ва гузарандаи аз таъсири омилҳои ғайримонетарӣ вобастабуда, аз ҷумла омилҳои таклифот (нархҳои ҷаҳонӣ, шароити табиӣ), мавсимӣ ва маъмурӣ хориҷ карда мешаванд. Яъне, дар ҳисоби таваррумi аслӣ маҳсулоти хоми хӯрокворӣ, маводи сӯзишворӣ ва хизматрасониҳои маъмуран танзимшаванда ба инобат гирифта намешаванд.
**Дар ҷаласаи Кумитаи сиёсати пулию қарзии Бонки миллии Тоҷикистон, ки 2 августи соли 2017 баргузор шуд, ҷиҳати гузариш аз низоми ҳадафгирии нишондиҳандаҳои монетарӣ ба низоми ҳадафгирии таваррум нишондиҳандаи мақсадноки таваррум барои давраи миёнамуҳлат муқаррар ва эълон гардид.

## Намояи нархҳои истеъмолӣ

| | Вазн,% | тағйирёбии солона,% | | | | | | Март, тағйирёбии моҳона,% |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | | | |
| | | | | | Январ | Феврал | Март | |
| **Таваррум** | **100,0** | **5,1** | **6,1** | **6,7** | **6,5** | **5,2** | **2,5** | **-1,0** |
| **Маҳсулоти хӯрокворӣ ва нӯшокиҳои беспирт** | **53,1** | **3,8** | **6,4** | **7,7** | **7,3** | **5,4** | **0,9** | **-2,1** |
| Нон ва маҳсулоти нонӣ | 17,5 | 9,1 | -2,5 | -0,8 | -0,9 | -1,4 | -3,4 | -3,1 |
| Биринҷ | 2,9 | 11,6 | -9,2 | -6,9 | -7,0 | -5,4 | 1,9 | 2,0 |
| Орд | 10,7 | 7,8 | -3,0 | 0,3 | 0,2 | -0,6 | -6,0 | -5,6 |
| Гӯшт ва маҳсулоти он | 8,3 | -10,2 | 3,7 | 13,8 | 14,0 | 13,4 | 13,5 | 0,0 |
| Гӯшти гов | 5,4 | -14,3 | 3,2 | 14,7 | 15,0 | 14,1 | 14,0 | 0,1 |
| Тухм | 1,5 | 5,5 | 12,0 | 1,0 | 0,1 | 1,9 | -0,6 | -11,2 |
| Шир ва маҳсулоти ширӣ | 1,7 | 7,3 | 0,4 | 4,4 | 3,7 | 4,6 | 2,3 | -2,6 |
| Шир | 0,5 | 16,1 | -7,2 | 6,3 | 6,3 | 4,5 | -2,2 | -10,0 |
| Равғани растанӣ ва ҳайвонот | 5,7 | 12,7 | 11,3 | 1,3 | 0,0 | -1,6 | -2,5 | -0,7 |
| Меваҷот | 4,3 | 12,3 | 16,7 | -1,8 | -0,3 | 3,9 | 6,4 | 2,9 |
| Сабзавот | 6,6 | -12,4 | 16,5 | 40,2 | 37,1 | 21,2 | -6,4 | -7,6 |
| Шакар | 2,4 | 19,3 | 15,0 | -6,7 | -7,3 | -7,9 | -10,1 | -1,8 |
| Нӯшокиҳои беспирт | 1,3 | 13,7 | 19,9 | 1,6 | 2,7 | 0,3 | 0,6 | 0,3 |
| **Хӯроки умумӣ*** | **0,9** | **14,9** | **19,9** | **2,7** | **2,7** | **3,9** | **3,9** | **0,0** |
| **Нӯшокиҳои спиртдор ва тамоку** | **1,4** | **15,9** | **11,8** | **6,2** | **6,2** | **7,1** | **8,0** | **1,0** |
| **Маҳсулоти ғайрихӯрокворӣ** | **29,2** | **7,9** | **5,7** | **4,4** | **4,3** | **4,1** | **4,0** | **0,1** |
| Либос ва пойафзол | 9,7 | 9,2 | 14,5 | 9,2 | 2,5 | 2,7 | 3,0 | 0,3 |
| Масолеҳи таъмир ва сохтмон | 3,7 | 2,2 | -0,9 | 2,4 | 2,5 | 4,9 | 4,9 | 0,0 |
| Маводи шустушуй | 1,8 | 15,5 | 1,2 | 4,0 | 3,1 | 4,0 | 4,0 | 0,0 |
| Доруворӣ | 2,9 | 24,7 | 14,1 | 1,0 | 0,7 | 2,2 | 2,2 | 0,0 |
| Сӯзишвории нақлиёт | 2,0 | -7,0 | 2,9 | 27,7 | 25,9 | 17,2 | 14,1 | 0,3 |
| Дигар намуди сӯзишворӣ | 1,3 | 19,0 | 3,0 | 0,9 | 0,4 | -7,7 | -8,1 | -2,2 |
| Васоити нақлиёт | 0,9 | -2,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,1 | 0,1 | 0,0 |
| Лавозимот ва ашёи дигари истифодабарии шахсӣ | 1,5 | 7,6 | 7,1 | 8,6 | 7,3 | 8,5 | 9,1 | 0,8 |
| **Хизматрасониҳо** | **15,2** | **2,2** | **4,5** | **7,7** | **7,9** | **6,0** | **5,0** | **0,4** |
| Манзилӣ-коммуналӣ | 5,2 | 3,2 | 9,8 | 17,5 | 17,1 | 12,6 | 11,7 | -0,5 |
| Иҷорапулии манзил | 0,2 | 14,3 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 1,4 | 1,4 |
| Обтаъминкунӣ ва партовбарорӣ | 0,7 | 20,1 | 5,1 | 9,1 | 11,6 | 8,4 | 8,4 | 0,0 |
| Қувваи барқ | 2,6 | 0,0 | 28,6 | 14,7 | 15,0 | 15,0 | 15,0 | 0,0 |
| Оби гарм | 0,0 | 14,6 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 |
| Газ | 1,1 | -6,3 | -6,6 | 40,1 | 35,7 | 13,4 | 8,5 | -2,8 |
| Нақлиёт | 4,4 | -2,3 | -1,4 | 2,8 | 5,0 | 3,3 | 0,7 | 1,6 |
| Алоқа | 1,6 | 0,8 | 0,0 | 1,3 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 |
| Маориф | 1,6 | 2,6 | 11,3 | 5,3 | 2,0 | 1,5 | 1,5 | 0,0 |
| Тандурустӣ | 0,8 | 14,0 | 1,9 | 1,7 | 1,3 | 1,3 | 1,3 | 0,0 |
| Маишӣ | 1,9 | 12,3 | 5,2 | 1,1 | 0,9 | 1,3 | 1,5 | 0,2 |

** - Ошхона, қаҳвахона ва тарабхонаҳо*